# ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶТ (АЗ 28.12.2024)

Submitted by Ҳайати тадорукот on 29 February, 2024 - 21:08

**Аҳаммияти рушди “иқтисоди сабз”, саноат ва маорифи кишвар дар пешрафти ҷомеаи миллӣ**

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола, ки бо фарогирии ҷамъбасти солонаи фаъолият ва дастовардҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, инчунин, дигар самтҳои асосии вазъи дохилаву хориҷаи кишвар ироа мегардад, ҳамзамон, вазифаҳо барои соли ояндаро тарҳрезиву нақшабандӣ намуда, дастури раҳнамо ва фаъолияти ҳар як вазорату идора маҳсуб ёфтаву барои мо соҳибватанон зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад, ки раҳнамои пешравиҳо дар тамоми қишри ҷомеаи миллии мост.
Дар Паёми ҳисоботӣ ва вазифаҳо, ки баҳри рушди имсолаи кишварамон равона гардидааст, Президенти кишвар, пеш аз ҳама, оид ба масоили кам кардани сатҳи камбизоатӣ, ки бартараф гардидани он худ рушди бемайлони кишвар маҳсуб мешавад, таваҷҷуҳи беандоза изҳор дошта, ҳамзамон, супориш доданд, то дар давоми 7 соли минбаъда сатҳи камбизоатӣ ба 10 дарсад кам карда шавад, зеро ин омил моро водор месозад, то дар соли равон тавассути татбиқи самараноки барномаҳову нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллиамон дар сатҳи нак кам аз 8% таъмин карда шавад.
Ин нуктаҳо, ки ба зиммаи ҳар як вазорату идораҳои дахлдор, вогузор гардидааст, мо саҳмгузорон дар пешбурди сиёсати давлатии забонро низ вазифадор мекунад, то дар дар раванди амалисозии бандҳои Нақшаи «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ҷиддӣ муносибат кардаву аз масъулон вазъи иҷрои масъалаҳоеро, ки барои татбиқи онҳо вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо вазифадор ва масъул мебошанд, талаб намоем ва барои рушди шуғлу фаъолияти пурсамари онҳо дар ин самт машваратҳои судманд додаву тавсияҳо пешниҳод намоем.

Аслан, ҳар як сиёсат дар ҷомеа бо забони давлатӣ амалӣ мегардад. Барои ин дар тамоми қишри ҷомеа бояд ки забони давлатӣ рушд намояд. Вале мо ба масъалаҳои ҷузъии баъзе корҳо дар истеҳсолот, ҳатто, бетарафӣ ва саҳлангории масъулонро мушоҳида мекунем. Барои мисол, матни борчаспҳо, навиштаҷоти ғалати амвол, маҳсулот, номгӯйи маводди истеҳсолӣ, нархномаҳо ва корбурди номувофиқи истилоҳоти соҳавӣ дар коргузории ин гуна самтҳои фаъолият ва ғ... Ҳол он ки тибқи Барномаи рушди забони давлатӣ ин масъалаҳо бояд бо мақомоти ваколатдор мувофиқа карда шавад. Инчунин, риояи забони адабии гуфтории тоҷикӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва вазорату идораҳо, нишасту чорабиниҳо бояд ба таври ҷавобгӯ риоя карда шавад, ки ин дар баланд бардоштани маърифату фарҳанги зебоипарастии миллии мо таъсироти гуногунро расонида метавонад.
Мо аз ироаи Паём огаҳӣ пайдо кардем, ки танҳо тайи ду соли охир дар ҷумҳурӣ 1200 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз кардаву сабти ном кардаанд. Акнун як андеша бояд кард, ки аз ин теъдод номи корхонаҳои навтаъсис (дар соли 2022-2023) Кумита ҳамагӣ ба 67 номи ин корхонаю ташкилотҳо хулоса пешниҳод кардааст. Мутаассифона, аксари ин корхонаҳо бо забонҳои ғайр номгузорӣ шудаву ба фаъолият оғоз мекунанд, ки ҳангоми ифтитоҳи онҳо аз оинаи нилгун маълум мешавад. Моро зарур аст, ки ҳамкориро дар роҳи мувофиқакунӣ ҷиддӣ ба роҳ монем ва қабл аз таъсисёбӣ бояд ки ҳар як корхонаву мауассиса дар масъалаи номгузорӣ бо мақомоти дахлдор мувофиқа намояд.
Ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳанг яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати давлату Ҳукумати кишварамон қарор дорад ва Пешвои миллат моро вазифадор намуданд, ки барои расидан ба пешравии ҳадафҳо дар соҳаҳои болозикр ҳама гуна тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.
Президенти кишвар бо амалисозии ҳамин гуна мақсадҳо дар Паёми хеш баён доштанд: «Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети

давлатӣ пайдогардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд».
Ҳамзамон, бо назардошти аҳаммияти бузурги саноат дар рушди минбаъдаи кишвар ва ба сатҳи баланди некуаҳволӣ ҳарчи бештар расидани мардуми кишвар, мо аз Паёми соли 2021 огаҳ ҳастем, ки Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026-ро Солҳои рушди саноат эълон намудаанд ва дар баробари назар ба солҳои пешин 2,4 баробар зиёд гардидани нишондиҳандаи маҳсулоти саноатӣ дар кишвари мо, дар раванди саноатикунонии бо суръати кишвар масоили аввалиндараҷаву муҳимми ҳалталаб, аз ҷумла, фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокӣ дар истеҳсоли маҳсулот самтҳои мухталифи он, нарасидани маблағҳо барои гардон кардани корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос ва ё тамоюлҳои коҳишёбии содироти маҳсулоти саноатии ватанӣ ба мушоҳида мерасанд, ки дар ин самт баланд бардоштани ин тадбирҳои мушаххас андешиндан лозим меояд. Ҳамзамон, қадамҳои устувору назарраси ҳукумати кишвар дар роҳи бузурги истеҳсоли “Энергияи сабз” ва содироти он яке аз масоили калиди пешрафти кишвар ва ҷомеаи миллии мо мебошад, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди “иқтисоди сабз” ҷиҳати бунёди неругоҳҳои баркӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегават расондани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли “энергияи сабз”, яъне бо истифодаи захираҳои отобию бодин тадбирҳои амалӣ андешем, ки то солҳои 2032 истеҳсоли барқ дар кишварамон садфоиза бо “энергияи сабз” иҷро ва таъмин гардида, партови газҳои гулхонавӣ то ҳадди охирин коҳиш дод мешавад.
Қадамҳои Ҳукумати кишварамон бо дарназардошти фаровонии захираҳои барқию обӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ устуворона ба назар мерасад.
Дар ин давра, яъне соли 2023, ки иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ин дар муқоиса ба 5 соли охир (соли 2017) 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад.
Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда зарур аст, ки дар солҳои оянда аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва дигар сохтору мақомоти марбута тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:
Якум: бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор» ва таҷдиди неругоҳҳои амалкунандаро бомаром идома дода, корҳо дар самти дарёфти маблағгузории иқтидорҳои нави тавлиди «энергияи сабз» ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иқтидорҳои энергетикии кишвар вусъат дода шаванд.
Дуюм: барои беҳтар кардани таъминоти аҳолии кишвар бо барқ ва рушди соҳаи истихроҷи маъдан ва саноати металлургия (филизгудозӣ) суръати корҳои асосноккунии техникӣ ва лоиҳакашии неругоҳҳои барқи обии «Шӯроб» бо иқтидори 1000 мегаватт дар дарёи Вахш, «Санобод» бо иқтидори то 500 мегаватт дар се марҳала дар дарёи Панҷ – қисмати ноҳияи Рӯшон ва «Чарсем» дар дарёи Ғунди ноҳияи Шуғнон бо иқтидори 14 мегаватт, бо дарназардошти бунёди хатти интиқоли барқ ва дигар инфрасохтори зарурии интиқол ва тақсимоти барқ тезонида шавад.
Сеюм: дар робита ба амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хатти интиқоли барқи CASA–1000 ва азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт – соат афзоиш додани содироти неруи барқ тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.
Чорум: ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва ноил гардидан ба нишондиҳандаи на зиёда аз 9 фоизи талафот татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ин самт таъмин гардида, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳалли ин масъала дар шаҳру ноҳияҳои кишвар вусъат бахшида шавад.
Панҷум: бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои баркӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.
Шашум: корҳо дар самти гузариш ба таҷҳизоти каммасрафи барқӣ дар иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ва истеҳсоливу коммуникатсионии мамлакат ва риояи маданияти баланди истифодаи неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ тақвият бахшида шаванд.
Мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем.
Яъне, бо ироаи Пешвои миллат “Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи “иқтисоди сабз” соли 2037 воқеан, ба “кишвари сабз” табдил меёбад, ки айни

замон, кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон ҷойи 6-умро ишғол мекунад.
Иқтисоди сабзро аслан коршиносони сатҳи байналмилалӣ дар мафҳуми фарохаш ҳамчун як тарзи фаъолияти хоҷагидорӣ мепиндоранд, ки он “ба боло рафтани сатҳи зиндагии одамон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон, хатарро дар муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад”. Ва ин мафҳум бештар дар соҳаҳои кишоварзиву энергетика ва муҳити зист корбурд мешавад. Ва ба қавли олимону коршиносон дар ояндаҳои наздик тамоми соҳаро фаро мегирад. Зеро гузариш ба “иқтисоди сабз” амалисозии чандин ҳадафҳоро таъмин хоҳад намуд. Ҳадафҳои созанда ва бунёдгаронаи андешеаҳо пиромуни мафҳуми “Иқтисоди сабз2 ба рушди пайвастаи афзалиятноки ийтисоди миллии мо дар кишвар хусусан, ба рушди соҳаи энергетикӣ, кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, махсусан сайёҳии зистбумӣ, ки ҳамчун соҳаи камхарҷу сердаромад хидмат мекунад, мусоидат кардаву ба сохтмони босуръати иншоотҳои табобатӣ-маишӣ, заминаҳои сайёҳӣ ва созмонҳои тандурустӣ бо ташкили ҷойҳои нави корӣ имконпазир мегардад
Бо боварии комил метиавон гуфт, ки барои комёб шудан ба сатҳи баланди “иқтисоди сабз” дар кишварамон мо зиндагии шоистаи мардуми кишварро таъмин хоҳем намуд ки дар оянда ба яке аз кишварҳои обод бадал хоҳем шуд.
Барои ҳамаи ин насли наврасу ҷавони кишварро бояд ки мо дар раванду руҳияи таълими сатҳи баланд бошуур тарбия намоем, ки дар онҳо пеш аз ҳама, виҷдон ва худшиносиву хулогоҳӣ дар замири онҳо бештар гардад.
Дар баробари таваҷҷуҳ ба рушди бемайлони иқтисод дар кишвар инкишофу ҳифзи фарҳанги миллӣ-таърихиамон боз ҳам бояд таваҷҷуҳ диҳем, ки ин ҳам як рукни давлатдорӣ ва муаррифии мо ба ҷаҳониён мебошад. Боиси сарфарозист, ки соли 2023 15 ёдгории таърихиию фарҳангии мо тоҷикон ба Феҳрасти фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд ва ин худ аз баланд гардидани эътибору шаъни мо дар фарҳанги умумибашарист. Барои рушди бемайлони фарҳанги бостонӣ ва ҳифзу ҳимояи ин дороии миллиамон таъсис додани Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ ин худ як ғамхории беназир нисбат ба фарҳанги ниёгонамон ва ифтихорот аз миллати куҳанбунёдамон аст, ки бевосита аз иқдоми ватандӯстонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмолмалӣ Раҳмон дарак медиҳад.
Албатта, маҳз, тавассути ин иқдом ва чунин раванди фаъолият мо метавонем ба як кишвари тараққикарда ноил шавем, ки барои ин соҳаи маорифи кишварро бояд рушд диҳему вазифадор ҳастем, ҷиҳати пешрафти минбаъдаи ин мақоми кишварамон фаъолияти илмиву омӯзиширо бештар рушд диҳем...
Бо ин мақсадҳо моро зарур аст, ки сахталабиву садоқатмандии омӯзгорро дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон, меҳру муҳаббати насли наврасро ба Ватану марзу бум ва гузаштагону нобиғагонамон афзун кунондан дар ниҳоду равони фарзандон ва хонандагон, ҳар чи бештар тавсеа додани ғурури миллӣ, пайдо кардани меҳру муҳаббат ба ватандӯстӣ, худшиносиро дар ниҳоди насли имрӯза омӯзонида, ин анъанаҳоро дар вуҷуди онон бедор кардан лозим аст, то насли минбаъдаи миллат аз имрӯза ҳам бештар фарҳангӣ шаваду бениёз бошад. Зеро маҳз талошу заҳмати мо имрӯзагон баҳри фардои насли худамон асту Пешвои миллат ҳам борҳо дар паёму суханорнониҳояшон таъкид мекунанд, ки «бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад» ва маҳз тавассути мактабу маориф мо саводи комил гирифтаву аз осори гузаштаи худ чи дар соҳаи илму адаб ва чи дар соҳаи таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллати худ огаҳӣ пайдо мекунем... Имрӯз замона ва ҷомеа тақозо мекунад, то ҳар фарди миллат босаводу бафарҳанг, соҳибтамаддун ва соҳибкасб бошад, ки маҳз, рушди саноату иқтисоди кишвар низ аз ин сарчашма об мехӯрад ва ба дастовардҳои беназир комёб мегардад.
Дар ин раванд, Пешвои миллат баёнт доштанд, ки “Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад”, ки дар ин раддабандӣ кишвари мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.
Ҳамчунин, президенти кишвар баён доштанд, ки “авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд.
Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.
Дар ин раванд, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба

таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси техникиву муҳандисӣ чораҷӯйӣ намоянд.”....

Бо ин мақсадҳо, Пешвои миллат ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла супориш доданд, ки «Дар робита ба ин, вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.», - ва ҳамин дастуру супоришҳо ҳар як устоду масъули ин мақомотҳои болозикр, аз ҷумла, таълимгоҳҳоро вазифадор мекунанд, то дар роҳи таълими насли наврасу ҷавон ҷиддӣ муносибат намоянд ва бо фароҳам овардани шароиту маводди замонавии ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ дастурҳои таълимиро таҳияву пешниҳод карда, ба фарзандони мардум мисли фарзанди хеш муомилаву муносибат намоянд.

Бо дарназардошти амалисозии пешаву амалҳо ва дурнамои ин иқдомот бояд ки ҳарчи барвақттар барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ намоем. Зеро дар тамоми давру замонҳо маҳз, самари неку пурбори дабистон инсонсозу ҷомеасоз буда метавонад, ки натиҷаи он дар сурати беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй рӯзгори ободу осоишта ва баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум дар ҷомеа мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, моро ҳушдор месозанд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф асту ба он бояд эътибори ҷиддӣ диҳем. Зеро агар забони модарӣ моро чун миллати дорои фарҳангу адаб ва тамаддунофар муарри намояд, пас забонҳои хориҷӣ шаҳпулеро мемонанд, ки моро бо олами мутамаддин мепайвандад. Ва маҳз, тавассути забонҳои хориҷӣ мо бо ҳар як дастоварди ҷаҳон ошно мешавему дороии илмию маънавии хешро ба онҳо муаррифӣ менамоем, ки ҷиҳати мусбати забономӯзӣ ҳам дар ҳамин раванд ба ҳар як миллат манфиатовар аст.

Воқеан, ҳар фарди ҷомеа таҳти пуштибонии қонунҳои кишвар бо забони модарииаш таҳсил мекунад, ки ин, пеш аз ҳама, бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофотро аз ниҳоди ҳар фарди соҳибмаълумот дур мекунад.

Мо аз Паёми соли гузашта (2022) маълумот гирифтем, ки «дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудаанд».

Дар ин давра, ки 1380 иншооти соҳаи маориф бунёд ва ба истифода дода шудааст, моро вазифадор менамояд, то дар самти маориф дилсӯзона маърифатомӯзиро ба роҳ монем. Вале дар таҳлили саводи забондониву имлоии чи устод ва чи шогирди он метавон мушоҳида намуд, ки сатҳи дониши онҳо ба талаботи замона, ҷавобгӯй нест. Чаро? Чунки вақте омӯзгор ба талаба бо лаҳҷаи маҳаллии хеш тадрисро ба роҳ мондаву хонанда ё донишҷӯ бо лаҳҷаи худ ҷавоб медиҳад, ин амалҳо бо ҷорӣ нагардидани забони адабӣ-гуфторӣ дар таълимгоҳҳои маориф мутахассиси ояндаро дар нимароҳ ва хомтаълим мемононад. Зеро хонандаи имрӯза 11 сол дар мактабу 4-5 сол дар мактаби олӣ бо забони давлатӣ таҳсили илму дониш карда бошад ҳам, мустақилона забонро дар муоширати худ истифода ва аз он дар нутқаш афкори солимро истеҳсол карда наметавонад, яъне дар эҷоди нутқи равону озод оҷизӣ мекашад, ки ин аз забони сунъиву қолабӣ ва норавони китобҳои таълимӣ сар мезанад. Ба инусули номатлуби равандҳои ба маърифати инсонӣ зараровар бояд хотима дод.

Мутахассисони Кумитаро зарур аст, то ҳарчи зудтар аз маориф китобҳои дарсиро талаб карда, мушкилоти забону мантиқ, корбурди мавзуъ ва муҳтавои умумии китобҳои дарсиро бо забони давлатӣ аз нигоҳи экспертизаи забоншиносӣ ташхис намудаву хулоса пешниҳод намоянд. Зеро таҳкурсии асосии бунёди нутқу суханэҷодкунии озод ва шуури ҷомеасоз низ танҳо аз ин даргоҳ оғоз меёбад, ки фардо он ба рушди кишвар бурда мерасонад.

Мо мушоҳида мекунем, ки садҳо кадрҳои соҳибтаҷриба тарки ватан мекунанд, барои чӣ? Худро аз азоб дур карданӣ мешаванд. Дунёи ободтарро мехоҳанд, Агар дарки ватандориву меҳанпарастиро мо дар ниҳоди хонандаи мактаб аз хурдӣ бипарварем, пас, фардо вай азми дурӣ аз ватанро нахоҳад кард. Чунки мо бояд шогирдонро дар руҳияи ватандустӣ , пуртоқатӣ ва сабру таҳаммул бояд сабақ додаву тарбия ва таълим диҳем. Барои нафси саркаш аз пайи туъмаву пулу мол гаштан ва ғуломи ин ҳама шуданро аз равони шогирдон бояд дар мактаб дур кард. Ҳатто барои интихоби номи тоҷикӣ ба фарзанд ҷомеаро бегонапарастӣ фаро гирифтааст, Чаро?... Чунки шабакаҳои иҷтимоии Интернетро бояд 300 000 зиёии кишвар обод кунанду равшан намоянд, ва насли ҷавонро ба сӯйи маърифати комил бикашанд. Айб аст, ки

имрӯз дар асри 21 тариқи наворҳои телевизионӣ мо дар чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ ва ҷашну идҳои миллиамон шиору навиштаҷоти пур аз ғалат ва рекламаҳои бемантиқу пур аз хато навиштаро манзури тамошобинон месозем, ки баъзеи онҳо дар муассисаҳои таълимӣ ба навор гирифта мешаванд ва ин ҳама аз заминаи савияи маърифати андӯхтаи хонанадаи мактаб маншаъ мегирад.

Барои ин Кумитаро зарур аст, ки дар таҳияи саривақтии Сарфу наҳви тоҷикӣ бо ҷалби мақомоти дахлдор ва масъулон чораҳои зарурӣ андешад. Аз шабакаҳои телевизионӣ пахши барномаҳои омӯзиши қоидаҳои имло ва омӯзиши забони тоҷикиро талаби қатъӣ намояд. Забони муошират ва матни навиштаҷоти барномаҳои телевизиониро баррасӣ намудаву онҳоро аз ташхиси забоншиносӣ гузаронад...

Барои пешбурди ин амалҳо бо саҳмгузорӣ ба ҳар як мушкилот, пеш аз ҳама, мавҷудияти фарҳангномаҳо зарур аст, ки дар замони ҷаҳонишавӣ таҳияи онҳо муҳим аст. Чунки рушди имрӯзаи забон ва пойдории он маҳз, дар ин давра бо таълифи осори илмӣ иртибот дораду мо бояд ба ин ҷиддӣ муносибат намоем. Аз ин рӯ, зарур аст, то тамоми вазорату идораҳо, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар фарҳангномаҳои соҳавиро таҳия кардаву бо Кумита ҷиҳати ҳамгунсозии истилоҳоти тахассусӣ мувофиқа намоянд.

Дар ин раванд бо мақсади амалисозии дастури Пешвои миллат, аз Паёмҳои пешин, ки солҳои 2020-2040-ро «Соли омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда буданд, мақомотҳои болозикрро зарур аст, ки адабиёти назариявиро бо забони давлатӣ таҳия ва ё аз забонҳои кишварҳои мутараққӣ тарҷума намоянд ва ба донишандӯзони ҷавони кишвар манзур намоянд ё ин ки мутахассисони соҳавӣ аз дастовардҳои илмии дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи кишварҳои ҳамзабон мутобиқан, чунин китобҳоро ҳуруфгардон намоянд, то заминаи омӯзишӣ ин фанҳо осонтару шароити мусоид баҳри ихтирооту кашшофият фароҳамтар гардад.

Дар ин раванд ҳам олимони моро зарур аст, ки дар соҳаи илмҳои муҳандисиву технологӣ, саноати кӯҳкорӣ, геология, сайёҳӣ, обшиносӣ, кӯҳнавардӣ ва ғайра фарҳангномаҳо ва муҳоварахҳои чандзабонаро таҳия намоянд ва моро зарур аст, ки осори илмӣ ва луғатнигории ҳамзабононамонро ба алифбои кириллиасосамон баргардон кунем, ки ин амалҳо бо ҳамгунсозии истилоҳоти соҳавӣ ба манфиати кор ва рушди ҷомеаи миллӣ буда метавонад.

Мо мутахассисони Кумитаро зарур аст, то баҳри тақвияти ин кор аз масъулони соҳаҳо талаб намоем. Зеро маҳз, фаъолияти самарабахши мутахассисони соҳавӣ моро комёб хоҳад намуд. Барои мисол Тоҷикистони мо 93 дарсад кишвари кӯҳсор аст ва кору фаъолияти кӯҳнавардӣ бояд дар бисёр мавридҳо олӣ ба роҳ монда шавад, ки ҳатто мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар ин самт метавонад дар кишвар баргузор карда шавад, ки он манфиат бахш будаву барои ин иқдомҳо низ, сараввал, фарҳангномаи тахассусии кӯҳнавард лозим асту онро бо чанд забон бояд таҳия ва мураттаб сохт...

Бо мақсади амалӣ гардидани Нақшаи Паёми имсола ва дурнамои он барои солҳои минбаъда Кумитаро зарур аст, ки дар баробари ба роҳ монданиу шароит фароҳам овардан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, инчунин, дар пойтахт барои ақаллиятҳои миллии бо забони давлатӣ таҳсилкунанда ва дигар мутахассисон марказҳои омӯзиши забони тоҷикиро ройгон таъсис диҳад. Барои таҳкими забони давлатӣ дар муассисаҳои томактабӣ назоратро ҷиддӣ ба роҳ монад, то муошират ва маҳорату малакаи эҷоди нутқи кӯдак бо забони давлатӣ ва модараш дар ин марҳилаву зинаҳо ташаккул ёбад, ки он дар омӯзиши комили забони давлатӣ ва азхудкунии забонҳои хориҷӣ мусоидат менамояд.

**Сардори шуъбаи танзими истилоҳот**
**Раҳим Зулфониён**
**22.01.2024**

**Content rating:** 5

Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [1]
- Мақолаҳо [2]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/7005?mini=2026-05

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [2] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/26